# СУХАНИ ХАЙРБОДИИ ХАТМКУНАНДАИ СОЛИ 2024

## КИЖИБЕК ЖАНИБЕКОВА

Волоҳазрат Оғохон, Канслери Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, аъзои Шӯрои Парастонрон роҳбарияти олии донишгоҳ, намояндагони ҳукумат, ҳайати устодон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Падару модарон, дӯстони азиз ва ҳамсабақони гиромӣ, номи ман Киззибек Жанибекова аст. Барои ман шараф в ифтихори бузург аст, ки имрӯз дар назди шумо ҳамчун хатмкардаи соли 2024 истодаам. Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям ки ҳамроҳи ман хатмкунандагони соли 2024-ро барои бомуваффақият ба итмом расонидани таҳсилоти худ дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ табрик намоед.

Роҳи ман ба то ба ин маросими фараҳбахш бо як саволи одӣ ва кунҷковие, ки ҳамчун кӯдак аз модарам пурсида будам, 'Чаро осмон кабуд аст?' оғоз ёфт. Шавқи ман барои омӯхтани дониш ва рушд ҳеҷ гоҳ коҳиш наёфт ва оқибат маро ба гирифтани дараҷаи бакалавр дар Донишгоҳи Осиёи Миёна овард. Дар мактаби миёна, вақте ки ҳама роҳиояндаи худро интихоб мекарданд, ҳамсолони ман аз интихоби ҳайрон мешуданд, ки чаро ман дар як донишгоҳи нав ва нисбатан номаълуми кӯҳистон таҳсил мекунам. Донишгоҳе, ки баъдан бо муҳаббат ба он лақаби "фазонаварди зард"-ро дода буданд. Ранги зард, ки як замон ранги дӯстдоштаи ман буд, ҳоло бо солҳои муҳимтарин дар ҳаёти ман пайваст аст ва дар солҳои оянда низ чунин хоҳад монд.

Модари ман як бор барои як семинар ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ омада ба ман гуфт, ки онро ҳамчун яке аз беҳтарин муассисаҳои Қирғизистон дарёфтааст, ки таҳсилоти сатҳи ҷаҳониро бо шароитҳои барҷаста омода мекунад.

Ҳангоми шунидани ин гап ман ба осонӣ бовар намекардам, ки чунин ҷой дар Қирғизистон вуҷуд дорад. Шояд мисли дигарон ман бовар доштам, ки таҳсилоти босифатро танҳо дар хориҷ ёфтан мумкин аст. Вақте фаҳмидам, ки Донишгоҳи Осиём Марказӣ таҳсилотро бо забони англисӣ, шабакаҳои васеи байналмилалӣ, ҷомеаи гуногунфарҳанг ва устодони баландихтисос пешкаш мекунад, ман барои ба даст овардани ин имконоти бузург таъхир накардам. Ба фикри ман ин лаҳзаи "таркиши бузург" дар ҳаёти ман буд, ки як олами навро пеши ман кушод.

Барои интихоб намудани ин донишгоҳ ба ман, барои маслиҳатҳои бебаҳо ва кӯшишҳои беандоза дар тарбия ва боварӣ ба ман, мехоҳам ба модарам ва падарам, ки имрӯз дар ин ҷо ҳастанд, миннатдорӣ баён кунам. Иҷозат диҳед аз номи ҳамсабақон ва хатмкардагон, ба тамоми волидон ва оилаҳоямон барои дастгирии доимии онҳо, ки моро то ба имрӯз оварда расонд.

Аҳамияти Донишгоҳи Осиёи Марказӣ берун фаротар аз таҳсилот ва тадқиқоти илмӣ аст. Дар шафати бинои таълимӣ хобгоҳи донишҷӯён ҳаст ки дар он ҷо ҳаёти дигаре дар авҷ аст.

Мо ҳама ёд дорем, ки рӯзи аввали омадан ба кампус чӣ гуна буд. Ҷое, ки дар аввал хеле бузург менамуд, ки мо ҳатто дар долонҳо ва гузаргоҳҳояш гум мешудем, ҳоло он бароямон мисли хонаи шинос ва бароҳат менамояд. Ҳар гӯшаи кампусҳои зебои мо аз хотираҳои бузург пур аст, ки мо онҳоро дар қиссаҳои худ бо бозичаҳои хаёлӣ идома медиҳем. Дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ мо дар бораи тафаккури интиқодӣ, гузориши озмоишгоҳ, таҳқиқот, эҷодкорӣ, маданияти саволгузорӣ ва пайгирии некӯаҳволии ҷомеаро омӯхтем. Дар тӯли солҳо мо бисёр таҷрибаҳои сахт, ба мисли шабҳои бедорхобӣ, лаҳзаҳои шакку шубҳа, пастравии эътимод, соатҳои машғул будан бо супоришҳо, имтиҳонҳо ва мӯҳлатҳо, интизорӣ ва навмедӣ аз натиҷаҳои баҳогузорӣ ва арзёбӣ доштем. Новобаста аз ҳамаи ин душвориҳо, мо роҳи худро то истгоҳи ниҳои бо навиштани кори дипломӣ тай намудем, ки натиҷаи кӯшишҳо ва орзуҳои моро нишон медиҳад. Роҳи мо рост набуд, пур аз баландиҳо ва пастиҳо ва ба мисли рондани чархбол буд, аммо мо онро шавқ ва истодагарӣ пай намудем.

Ҳоло мо дар ин ҷо истодаем, то хотимаи як фасли муҳимро дар ҳаёти худ ҷашн гирем. Ҳатто як ҷузъи хурди он бидуни меҳнати сахт, саховатмандӣ ва дастгирии ҷомеаи одамони наҷиб, ки мехоҳам онҳоро дар ин ҷо эътироф кунам, имконпазир набуд.

Пеш аз ҳама, мехоҳам миннатдории амиқи худро ба Волоҳазрат Оғохони IV, Канслери Донишгоҳ, ва Шӯрои Парасторон барои дидгоҳи бузург ва дастгирии онҳо дар таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ки ба рушди ҷомеаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ бахшида шудааст, баён намоям. Мо бо ин чашмандоз ва дидгоҳи шумо марҳилаи ҳаётамонро тай намуда дар пеши шумо истода истода, дар ҳалли мушкилоти ҷаҳони печдар печ омода ва устувор бошем.

Ман мехоҳам аз Ректор ва Декан ва устодони мӯҳтарами мо барои садоқати онҳо ба таҳсилоти мо, ба омӯзиш, роҳнамоӣ ва назорати мо изҳори сипос намоям. Меҳнати шумо ба мо кӯмак кард, ки малакаҳо ва донишҳои арзишмандро ба даст орем ва собитқадам гардем. Шумо ба мо кӯмак кардед, ки малакаи беҳтарини худамонро кашф кунем. Тавре ки Микеланҷело як бор гуфт: “Ман фариштаеро дар санги мармар дидам ва онро то озод шуданаш ҳаккокӣ кардам.”

Ман мехоҳам ба маъмурият, ва ҳамаи кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ изҳори сипос намоям, ки таҳсил ва истиқомати моро дар донишгоҳ ба қадри имкон бароҳат, бехатар ва муташакил ба роҳ монданд.

Дастаи кӯмакрасони донишҷӯён, ташаккур ба шумо барои кори пайваста ва дастгириатон дар зиндагии мо дар кампус, ки шавқовар ва пур аз хотираҳои хуб буд.

Дар охир, вале на камтар аз он ман мехоҳам ба дӯстон ва ҳамкурсони худ ташаккур гӯям, ки дар шебу фароз ва пастиву баландии ин саёҳати тағирдиҳандаи ҳаёт ҳамроҳӣ намуданд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба мо таълим дод, ки бодиққат ва боандеша бошем ва дунёи фаротар аз чолишҳоро мушоҳида намоем ва мушкилотро ба имконот табдил диҳем. Донишгоҳи Осиёи Марказӣ тарафдори бо ҳам будан мебошад ва он арзишест ки он

ангезандаи кӯшишҳои мо барои ҳамдилӣ, ҳамфикрӣ ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ мебошад.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ  ҷое буд, ки орзуҳо ва шахсияти ман дар онҷо қадр мешуд. Донишгоҳи Осиёти Марказӣ дар амалӣ шудани орзуҳоям нақши бузурге бозид. Ман имконияти сафар ба хориҷи кишварро пайдо кардам, ва бо Президенти кишварам мулоқот кардам, бо  донишҷӯён аз қисматҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон кор ва таҳсил кардам.

Ҳангоме ки мо бори дигар дар чорроҳаи ҳаёт истода, дар бораи роҳҳои оянда андеша мекунем, умедворам ҳар яки мо ҳисси  кунҷковиро дар даруни худ ҳифз намоем ва шӯълаи онро хомӯш накунем. Вақте ки мо  барои шиноварӣ омодаем, умедворам, ки бо истодагарӣ ва омӯзиши бепоён баҳрҳои пуртуфони ҳаётро паси сар намоем. Бо ин гуфтаҳо ман бароmади худро ба поён мерасонам Ташаккур ва боз ҳам, табрик ба хатмкунандагоги соли 2024.